**«ТАСДИҚ МЕКУНАМ»**
**Ректори Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон, доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор__________Шарифзода М.М.**
**«_____» _____________ 2023.**

# ХУЛОСАИ
# ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ ҲУҚУҚ, БИЗНЕС ВА СИЁСАТИ ТОҶИКИСТОН

оид ба мубрамият ва аҳамияти таҳқиқоти диссертатсионии Абдуллоева Мадина Камоловна дар мавзуи «Дастгир кардани шахс бо гумони содир намудани ҷиноят» аз рӯйи ихтисоси 12.00.09 – Ҳуқуқи мурофиаи ҷиноятӣ (илмҳои ҳуқуқшиносӣ).

Мавзуи таҳқиқоти диссертатсионии Абдуллоева Мадина Камоловна дар мавзуи "Дастгир кардани шахс бо гумони содир намудани ҷиноят" дар кафедраи ҳуқуқи судӣ ва назорати прокурорӣ муҳокима гардида, дар асоси протоколи ҷаласаи ғайринавбатии №8 аз 22-уми апрели соли 2023 ба ҳимоя тавсия дода шудааст.

Дар давраи омодасозии диссертатсия Абдуллоева М.К. унвонҷӯйи кафедраи ҳуқуқи судӣ ва назорати прокурории факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон мебошад.

Шаҳодатнома оид супоридани имтиҳони тахассусӣ санаи 21 апрели соли 2023, № 46 аз ҷониби Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон дода шудааст.

**Роҳбари илмӣ** - Искандаров Зайниддин Ҳамидович, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессори кафедраи ҳуқуқи судӣ ва назорати прокурории Донишгоҳи миллии Тоҷикистон мебошад.

Дар натиҷаи барраси ва муҳокимаи диссертатсияи М.К.Абдуллоева дар мавзуи «Дастгир кардани шахс бо гумони содир намудани ҷиноят» хулосаи зерин қабул карда шуд:

**Мубрам будани мавзуи таҳқиқоти диссертатсионӣ.** Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон арзиши олӣ доштани ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, инчунин риоя ва таҳти ҳимояи давлат қарор доштани онҳоро кафолат медиҳад (м. 5 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон). Пешрафти босуботи давлат ва ҷомеа, аз он ҷумла, бо риояи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, ҳифзи амният, волоияти қонун, таҳкими тартиботи ҷамъиятӣ таъмин мегардад. Аз ин рӯ, масъалаи таъмин ва риояи ҳуқуқу озодиҳои шахс зимни мурофиаи ҷиноятӣ яке аз масъалаҳои муҳимми

назарияи ҳуқуқ дониста шуда, мазмун, моҳият ва дурнамои инкишофи он дар маркази диққати муҳаққиқони илми ҳуқуқшиносӣ қарор дорад.

Ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҳамаи соҳаҳои ҳаёти ҷамъиятӣ нуфузу арзиши олӣ доранд. Амалишавии санаду барномаҳои давлатии ислоҳоти судию ҳуқуқӣ ва мубориза бо ҷинояткорӣ ҳам, ки дар Ҷумҳур ии Тоҷикистон татбиқ шуда истодаанд, на танҳо пурзӯр намудани чораҳои муқовимат бар зидди ҷинояткорӣ, балки баҳри ба вуҷуд овардани тағйироти куллӣ дар фаъолияти мақомоти ҳифзи ҳуқуқ дар самти ҳимояи боэътимоди ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, манфиатҳои давлат ва ҷамъият равона карда шудаанд.

Бо мақсади ҳимояи ҳуқуқу озодии шахс; манфиати давлату ҷомеа аз таҷовузҳои ҷиноятконора ва аз таъқиботи беасосу ғайриқонунӣ ҳангоми маҳдудиятҳои муайяни мурофиавӣ пешбинӣ шудаанд, ки бо мақсади иҷро шудани вазифаҳои мурофиаи ҷиноятӣ амалӣ мешаванд.

Қонунгузории мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон на танҳо шартҳои муайян, балки асос, тартиб ва ҳадду ҳудуди маҳдуднамоии озодии шаҳрвандонро пешбинӣ мекунад, ки ҳангоми татбиқи онҳо кафолатҳои конститутсионии шахс ва ҳуқуқҳои вай муваққатан халалдор мегарданд. Аз ин рӯ, мақомоти судӣ, прокуратура, корҳои дохилӣ, амният, Агентиҳои назорати маводи нашъаовар, назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсия бо мақсади муқовимат ба ҷинояткорӣ, таъмин намудани тартиботи ҷамъиятӣ, суботу оромии ҷомеа, пешгирӣ ва саривақт ошкор кардани ҷиноятҳо, муайян ва бартарафсозии сабабу омилҳои содиршавии онҳо пайваста фаъолияти худро такмил медиҳанд, ки ба беасосу ғайриқонунӣ маҳдуд намудани ҳуқуқу озодии инсон ва шаҳрванд роҳ дода нашавад.

Бо мақсади таъмини тартиби ягонаи пешбурди парвандаҳои ҷиноятӣ, ки ҳадафи ниҳоии он ноил шудан ба адолати судӣ аст, таҳқиқбаранда, муфаттиш, прокурор, суд, судя дар доираи салоҳияти худ ҳуқуқ доранд нисбати гумонбаршуда, айбдоршаванда ё судшаванда чораҳои маҷбуркунии мурофиавиро татбиқ намоянд, ки боиси маҳдуд шудани кафолатҳои конститутсионии ҳуқуқу озодиҳои иштирокчиёни мурофиаи ҷиноятӣ мегардад. Дар амалия дастгир кардани гумонбаршуда дар содир кардани ҷиноят, дар як қатор ҳолатҳо бо сабабҳои гуногун ва мушкилоти ҳуқуқӣ ба душвориҳо рӯ ба рӯ мегардад.

**Мақсад ва вазифаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ.** Мақсади асосии таҳқиқоти илмӣ аз он иборат аст, ки дар асоси омӯзиш ва таҳлили сарчашмаҳои марбут ба адолати судӣ оид ба парвандаи ҷиноятӣ,

мурофиаи ҷиноятӣ, криминалистика, фаъолияти оперативии ҷустуҷӯӣ, ҳуқуқи ҷиноятӣ ва ғайраҳо, инчунин бо назардошти омӯзишу ҷамъбасти амалияи мақомоти тафтишию судӣ, таҳия кардани хулоса ва дар асоси он пешниҳод намудани тавсияҳо оид ба такмил додани қонунгузорӣ ва таҷрибаи татбиқи дастгир кардани шахсе, ки барои содир намудани ҷиноят гумонбар дониста шудааст ва инчунин баланд бардоштани сатҳу сифат ва самаранокии татбиқи чунин чораҳо дар марҳилаи тафтиши пешакӣ мебошад. Ноил шудан ба мақсади мазкур иҷрои чунин **вазифаҳои** муайянро тақозо менамояд:

- шарҳи аниқ ва саҳеҳи мафҳум ва моҳияти гумони бевосита, гумонбарӣ, дастгир карда шудани гумонбаршуда ва ҳолати ҳуқуқии шахси дастгиршуда дар мурофиаи ҷиноятӣ;
- муайян кардани табиати ҳуқуқии гумонбарӣ, дастгир кардани гумонбаршуда;
- аз нуқтаи назарияи мурофиаи ҷиноятӣ мавриди таҳқиқ қарор додани ҳолатҳое, ки асоси дастгир кардан бо гумони содир кардани ҷиноят эътироф шудаанд
- ҳалли масъалаҳое, ки ба татбиқи чораи маҷбуркунии мурофиавии ҷиноятӣ монеа мешаванд;
- муайян кардани самтҳои афзалиятнок ва татбиқи роҳу усулҳои пешқадам дар фаъолияти муфаттиш, таҳқиқбаранда ва ё прокурор оид ба дастгир кардани шахси барои содир кардани ҷиноят гумонбаршуда;
- асоснок кардани хулоса ва пешниҳод оид ба такмил додани меъёрҳои қонунгузории мурофиавии ҷиноятӣ ва коркарди тавсияҳо барои баланд бардоштани фаъолияти самарабахши мақомоти тафтиши пешакӣ оид ба татбиқи дастгир кардани гумонбаршуда.

**Саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ** бо сатҳи навгонии илмии диссертатсионӣ, нуқтаҳои илмӣ, ки ба ҳимоя пешниҳод мешаванд, мақолаҳои илмӣ, маърӯзаҳо дар семинарҳои илмӣ-назариявӣ ва конференсияҳои илмӣ-амалӣ, инчунин дар таҳияи лоиҳаи санадҳои меъёрии ҳуқуқ ва тағйиру иловаҳо ба он тасдиқ карда мешавад. Ҳамзамон, тарзи навишт, масъалагузорӣ ва услуби диссертатсия саҳми шахсии муаллифи диссертатсияро нишон медиҳад.

**Навгонии илмии тадқиқоти диссертатсионӣ** дар он зоҳир мегардад, ки таҳқиқот ҷанбаи комлексӣ дошта, дар он таҳлили масъалаҳои вобаста ба татбиқи чораҳои маҷбуркунии мурофиавӣ мутобиқи Кодекси мурофиаи ҷиноятӣ Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди баррасӣ қарор дода шудааст.

Муаллиф як қатор пешниҳодҳои назариявие, ки моҳияти дастгир кардан ва гумонбариро мекушояд, инчунин хулосаи худро, ки оид ба

мафҳум, асосҳои гумонбарӣ, ҳолати ҳуқуқии гумонбаршуда ба муҳокима пешбарӣ карда, тақвият додааст.

Дар диссертатсия зарурати гумонбар донистан ва озод кардани гумонбаршударо аз гумонбарӣ, танҳо дар асоси санади махсуси мурофиавӣ – қарор пешниҳод карда шудааст. Муаллиф ҳолатҳои нави асоси татбиқи дастгир кардан, ки мафҳуми номуайяни “маълумоти дигар”- ро бартараф мекунад ва пешниҳод мекунад, ки дар протокол қайд кардани сабабҳои дастгир кардан истисно карда шавад.

Дар диссертатсия зарурати ҷорӣ кардани тартиби ягонаи расмиёти гумонбарӣ пешниҳод карда мешавад, ки он кафолати қонунӣ ва асоснок будани дастгиркуниро тақвият мебахшад.

Навгонии дигари таҳқиқоти мазкур ба чунин омилҳо асос меёбад:

Бобати мукаммал гардонидани қонунгузории ҶТ ба меъёрҳои амалкунандаи он ворид намудани тағйиру иловаҳои аз ҷиҳати илмӣ асоснок кардашударо судманд меҳисобем. Натиҷаи тадқиқоти илмӣ дар шакли пешниҳод асоснок ва пешбарӣ мешаванд, ки дар меъёрҳои Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ карда шаванд, ки онҳо мазмуни меъёрҳои ҷориро ғанӣ гардонида, татбиқи самараноки онҳоро дар амалия таъмин хоҳад кард: 1)Гумонбарӣ ба институти ҳуқуқи мурофиавии ҷиноятӣ тааллуқ дошта, заминаи пайдоиш, ба вуҷуд омадани тахмин, шубҳа, хулосаи асосноки мантиқию зеҳнии прокурор, муфаттиш, таҳқиқбарандаро нишон дода, эҳтимолияти иштироки шахсро дар содир кардани ҷиноят ифода мекунад. Гумонбарии фардӣ, хаёлию тахминӣ, ки беасос аст, аҳамияти ҳуқуқӣ надорад. Гумонбарии асоснок натиҷаи хулосабарории зеҳнӣ ва мантиқии мақомоти ваколатдори давлатӣ оид ба эҳтимолияти иштироки шахс дар содир кардани ҷиноят аст, ки сарчашмаи онро маълумоти ҷамъоваришудаи мушаххас оид ба ҳолатҳои ҳодисаи рухдода ташкил медиҳад. Ҳолат, маврид, вазъият ё шароити муайяни ҳодисаи рухдода, ки маълум шудаанд, ба ташаккулёбии хулосаи тахминӣ дар шакли гумонбарӣ оид ба эҳтимоли асосноки иштироки шахс дар содир кардани ҷиноят такон мебахшад. Гумонбарӣ моҳияти мурофиавии ҷиноятӣ дорад: а) вай қисми таркибии функсияи таъқиби ҷиноятӣ мебошад; б) чун хулосаи ибтидоии мақомоти таъқиби ҷиноятӣ дар бораи эҳтимолияти алоқамандии шахс ба ҳодисаи содир шудани ҷиноят баромад менамояд; в) ҳамчун шарти умумии истифодаи дастгир кардан баромад менамояд. 2)Ба сифати асосҳои воқеии гумонбарии мурофиавии ҷиноятӣ ҳолатҳои зерин баромад менамоянд: а) оғоз шудани парвандаи ҷиноятӣ нисбати шахси муайян; б) мавҷудияти маълумоти боэътимод, ки дар бораи воқеан ҷой доштани ҳолатҳои дар моддаи 92 КМҶ ҶТ нишон дода шудааст; в) мавҷудияти маълумоте, ки

алоқамандии (иштирок, шарикӣ) шахсро дар содир кардани ҷиноят нишон медиҳад. 3) Барои гумонбаршаванда эътироф карда шудани шахс ҷой доштани асосҳои воқеӣ ва ҳуқуқӣ ҳатмӣ аст. Асосҳои воқеӣ ҳолатҳои мушаххасе мебошанд, ки дар м.92 КМҶ ҶТ пешбинӣ шудаанд. Асоси ҳуқуқии гумонбаршуда эътироф кардани шахс бояд бо қабули қарор дар бораи гумонбаршуда эътироф кардани шахс расмӣ гардонида шавад. Танҳо баъди қабули чунин қарор шахсро ба тавқифгоҳи нигоҳдории муваққатӣ ба мӯҳлати то 72 соат ҷойгир карда, нигоҳ доштан иҷозат дода шавад ва ё нисбати ӯ бо қарори суд чораи пешгирӣ - ба ҳабс гирифтан, ҳабси хонагӣ ё чораи дигари маҷбуркунӣ татбиқ карда шавад. 4) Қоидаҳои гумонбарӣ, ки муаллиф пешбарӣ менамояд аз якчанд ҷиҳат бо тартиби мурофиавии эълон кардани айб монандӣ дошта, аз се давра иборат мебошад: 1) шинос кардани гумонбаршуда бо қарор дар бораи гумонбар эътироф шудани ӯ; 2) фаҳмонидани моҳияти гумонбарӣ ва асосҳои он; 3) фаҳмонидани ҳуқуқ ва уҳдадориҳои гумонбаршуда.

Баъди шинос кардани гумонбаршуда бо қарор дар бораи гумонбаршуда эътироф шудан, ӯ бояд пурсиш карда шуда, розигии хатии ӯ дар бораи додани нишондод гирифта шавад. 5) Дастгир кардан дар маҳдудшавии муваққатии шахс аз амалҳои озодона ифода ёфта, нисбати нафаре татбиқ карда мешавад, ки дар содир кардани ҷиноят гумонбар дониста шуда, асоснок будани гумонбарӣ ва ҳалли масъалаи гумонбар эътироф шудан, татбиқ шудани чораи пешгирӣ ва ё озод карда шудани ӯ аз гумонбарӣ мавриди таҳқиқ қарор дода мешавад. Дастгир кардан пайдарҳамии якчанд амалҳои мурофиавиро муттаҳид карда, аз боздошт намудан, иҷборан ба мақомот овардан, фаҳмонидани ҳуқуқу уҳдадориҳо, кофтукови шахсӣ, муоинаи тиббӣ ва нигоҳ доштан дар тафқифгоҳи муваққатӣ иборат аст. 6) Асосҳои дастгир кардани шахс маълумоти кофие мебошад, ки ба таври мурофиавӣ аз сарчашмаҳои муайяншуда гирифта шудаанд ва ё дар рафти гузаронидани чорабиниҳои оперативӣ – ҷустуҷӯӣ, дар вақти ошкор кардани ҳолатҳои содир шудани ҷиноят ҷамъоварӣ шудаанд, агар онҳо тасдиқ намоянд, ки иштироки ҳамин шахс дар содир кардани ҷиноят муайян шудааст ва маълумоте мавҷуд аст, ки шахси гумонбаршаванда мумкин аст, ки аз таъқиби ҷиноятӣ пинҳон шавад, ё ки шахсияти ӯ муайян нашудааст. Лекин, дар маҳалли дигар зиндагӣ кардан ва ё ҷои зисти доимӣ надоштан набояд шарти татбиқи дастгиркунӣ бошад.

Мутобиқи тартиби муқаррар кардаи қонун, маълумоти дар рафти чорабиниҳои оперативӣ - ҷустуҷӯӣ ба дастомадаро чунин аст, ки ба сифати яке аз асосҳои дастгир кардан хизмат кунад.

Инчунин навгонии таҳқиқоти илмиро нуқтаҳои илмие, ки муаллиф

барои химоя пешниҳод намудааст, муайян менамояд.

**Аҳамияти назариявӣ ва амалии таҳқиқоти диссертатсионӣ.** Аҳамияти диссертатсия дар он аст, ки хулоса ва пешниҳодҳое, ки дар он инъикос ёфтаанд барои такмили қонунгузории мурофиавии ҷиноятӣ, таҳкими қонуният ва асоснок кардани дастгир кардани гумонбаршуда, пурзӯр кардани кафолатҳои мурофиавии ҷиноятӣ шахсони гумонбаршуда мусоидат менамоянд.

Хулоса ва пешниҳодҳои алоҳидаи он, ки дар диссертатсия инъикоси худро ёфтаанд, метавонанд ба сифати тавсияҳои методӣ дар фаъолияти мақомоти тафтиши пешакӣ, ҳангоми кор карда баромадани маводҳои илмӣ-методии донишҷӯёни мактабҳои олии ҳуқуқшиносӣ ва махсус мавриди истифода қарор дода шаванд.

**Нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда:**

Таҳқиқоти мазкур фарогири ҷанбаҳои мурофиавии ҷиноятӣ буда, дар он масъалаҳои вобаста ба дастгир карда шудани шахс бо гумони содир кардани ҷиноят, инчунин қоидаҳои татбиқи чораҳои маҷбуркунии мурофиавӣ мавриди таҳлил, муҳокима ва баррасӣ қарор дода шудаанд.

Дар бобати мукаммал гардонидани қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон, ба меъёрҳои амалкунандаи он ворид намудани тағйиру иловаҳои аз ҷиҳати илмӣ асоснок кардашударо судманд меҳисобем. Натиҷаи тадқиқоти илмӣ дар шакли пешниҳод асоснок ва пешбарӣ мешаванд ва мувофиқан ки дар меъёрҳои КМҶ ҶТ бояд пешбинӣ карда шаванд, ки онҳо мазмуни меъёрҳои ҷориро ғанӣ гардонида, татбиқи самаранокӣ онҳоро дар амалия таъмин хоҳанд кард:

1) Муаллиф истилоҳи нави гумонбариро пешбарӣ ва асоснок мекунад, ки дар қонун дақиқ шарҳ дода нашудааст. Муаллиф истилоҳи нави гумонбариро ба тариқи зайл ифода мекунад. Гумонбарӣ ба институти ҳуқуқи мурофиавии ҷиноятӣ тааллуқ дошта, заминаи пайдоиш, ба вуҷуд омадани тахмин, шубҳа, хулосаи асосноки мантиқию зеҳнии прокурор, муфаттиш, таҳқиқбарандаро нишон дода, эҳтимолияти иштироки шахсро дар содир кардани ҷиноят ифода мекунад. Гумонбарии фардӣ, хаёлию тахминӣ, ки беасос аст, аҳамияти ҳуқуқӣ надорад. Гумонбарии асоснок натиҷаи хулосабарории зеҳнӣ ва мантиқии мақомоти ваколатдори давлатӣ оид ба эҳтимолияти иштироки шахс дар содир кардани ҷиноят аст, ки сарчашмаи онро маълумоти ҷамъоваришудаи мушаххас оид ба ҳолатҳои ҳодисаи рухдода ташкил медиҳад. Ҳолат, маврид, вазъият ё шароити муайяни ҳодисаи рухдода, ки маълум шудаанд, ба ташаккулёбии хулосаи тахминӣ дар шакли гумонбарӣ оид ба эҳтимоли асосноки иштироки шахс дар содир кардани ҷиноят такон мебахшад.

2) Муаллиф моҳияти гумонбариро бо назардошти меъёрҳои ҷорӣ муайян кардааст, ки тибқи хулосаҳои у гумонбарӣ моҳияти расмӣ, мурофиавии ҷиноятӣ дорад: а) гумонбарӣ қисми таркибии функсияи таъқиби ҷиноятӣ мебошад, ки аз ҷониби мақомоти ваколатдори давлатӣ амалӣ мешавад; б) чун хулосаи ибтидоии ва зеҳнии мақомоти таъкиби ҷиноятӣ дар бораи эҳтимолияти алоқамандии шахс ба ҳодисаи содир шудани ҷиноят баромад менамояд; в) ҳамчун асоси умумии оғози парвандаи ҷиноятӣ нисбати шахс ва татбиқи дастгир кардан баромад менамояд.
3) Пешниҳод мешавад, ки ба сифати асосҳои воқеии гумонбарии мурофиавии ҷиноятӣ ҳолатҳои зерин баромад менамоянд: а) оғоз шудани парвандаи ҷиноятӣ нисбати шахси муайян бо гумони содир кардани ҷиноят; б) мавҷудияти маълумоти боэътимод дар бораи воқеан ҷой доштани ҳолатҳои дар м. 92 КМҶ ҶТ нишон дода шуда; в) мавҷудияти маълумоте, ки алоқамандии (иштирок, шарикӣ) шахсро дар содир кардани ҷиноят нишон медиҳад.
4) Дар диссертатсия зарурати ҷорӣ кардани тартиби ягонаи ба расмиётдарории гумонбарӣ пешниҳод карда мешавад, ки он кафолати қонунӣ ва асоснок будани дастгиркуниро тақвият мебахшад. Барои гумонбаршаванда эътироф карда шудани шахс ҷой доштани асосҳои воқеӣ ва ҳуқуқӣ ҳатмӣ дониста шудааст. Асосҳои воқеӣ ҳолатҳои мушаххасе мебошанд, ки дар м.92 КМҶ ҶТ пешбинӣ шудаанд. Ғайр аз асосҳои дар м.46 КМҶ ҶТ пешбинишуда, асоси ҳуқуқии гумонбаршуда эътироф кардани шахс бояд бо қабули қарор дар бораи гумонбаршуда эътироф кардани шахс расмӣ гардонида шавад.

Чунки нисбат ба ӯ бо асос ва тартиби муқаррарнамудаи қонун бинобар гумонбар шуданаш дар содир намудани ҷиноят парвандаи ҷиноятӣ оғоз нашудааст, дар ин бора ба ӯ муфаттиш ё таҳқиқбаранда хабар надодааст ё ӯ дастгир карда нашудааст ва ё дар ҳаққи ӯ то пешниҳод кардани айб чораи пешгирӣ татбиқ карда нашудааст.
5) Дар сурати қабул шудани қарор дар бораи гумонбаршуда эътироф шудани шахс, қоидаҳои гумонбарӣ, ки муаллиф пешбарӣ менамояд аз якчанд ҷиҳат бо тартиби мурофиавии эълон кардани айб монандӣ дошта, аз се давра иборат мебошад: 1) шинос кардани гумонбаршуда бо қарор дар бораи гумонбар эътироф шудани ӯ ва фаҳмонидани моҳияти гумонбарӣ ва асосҳои он; 2) фаҳмонидани ҳуқуқ ва ухдадориҳои гумонбаршуда; 3) баъди шинос кардани гумонбаршуда бо қарор дар бораи гумонбаршуда эътироф шудан, ӯ бояд пурсиш карда шавад.
6) Асоснок мешавад, ки дастгир кардан дар маҳдудкунии муваққатии озодии шахс ифода ёфта, нисбати нафаре татбиқ карда шавад, ки дар содир кардани ҷинояти дараҷаи миёна, вазнин ва махсусан вазнин гумонбар дониста шуда, асоснок будани гумонбарӣ ва ҳалли масъалаи

гумонбар эътироф шудан, татбиқ шудани чораи пешгирӣ ва ё озод карда шудани ӯ аз гумонбарӣ мавриди таҳқиқ қарор дода шавад. Муаллиф мазмуни дастгир карданро бо пайдарҳамии якчанд амалҳои мурофиавӣ ифода карда, онро аз боздошт намудан, иҷборан ба мақомот овардан, фаҳмонидани ҳуқуқу уҳдадориҳо, кофтукови шахсӣ, муоинаи тиббӣ ва нигоҳ доштан дар тафқифгоҳи муваққатӣ фаҳмонидааст.

7) Муаллиф ҳолатҳои дигарро ҳамчун асоси татбиқи дастгир кардан, ки мафҳуми номуайяни "маълумоти дигар"- ро бартараф мекунад, пешниҳод кардааст. Муайян шудааст, ки асосҳои дастгир кардани шахс маълумоти кофие мебошад, ки ба таври мурофиавӣ аз сарчашмаҳои муайяншуда гирифта шудаанд ва ё дар рафти гузаронидани чорабиниҳои оперативӣ – ҷустуҷӯӣ, дар вақти ошкор кардани ҳолатҳои содир шудани ҷиноят ҷамъоварӣ шудааст, агар онҳо тасдиқ намоянд, ки иштироки ҳамин шахс дар содир кардани ҷиноят муайян шудааст ва маълумоте мавҷуд аст, ки шахси гумонбаршаванда мумкин аст, ки аз таъқиби ҷиноятӣ пинҳон шавад, ё ки шахсияти ӯ муайян нашудааст. Лекин, танҳо дар маҳалли дигар зиндагӣ кардан ва ё ҷои зисти доимӣ надоштан набояд асоси татбиқи дастгиркунӣ ё гумонбарӣ бошад.

Мутобиқи тартиби муқаррар кардаи қонун, маълумоти дар рафти чорабиниҳои оперативӣ - ҷустуҷӯӣ ҷамъоварда шуда бояд ба сифати яке аз асосҳои дастгир кардан хизмат кунад.

8) Дастгир кардани шахсе, ки барои содир кардани ҷиноят гумонбар шудааст, аз ҷониби шахсони ваколатдор, интиқол додани ӯ ба мақомоти тафтиши пешакӣ, расмигардонии протоколи дастгир кардан ва ба амалҳои бо он алоқаманд, қисми таркибии дастгир кардани мурофиавии ҷиноятӣ дониста шудааст. Мухлати дар ҳолати гумонбаршуда қарор доштан, аз лаҳзаҳои қабули қарор дар бораи гумонбаршуда донистани шахс дар содир кардани ҷиноят ё аз лаҳзаи маҳдуд кардани озодии амал, ба мухлати гумонбарӣ ҳисоб карда шавад. Ин мухлат бо қабули қарор дар бораи эълони ба сифати айбдоршаванда ба ҷавобгари ҷиноятӣ кашидан бо тартиб додани санади айбдоркунӣ ба анҷом расида, дар ҳолати исбот нашудани гумонбарӣ, бо тариқи қарор дар бораи озодкунии шахс аз гумонбарӣ дар амал татбиқ карда шавад.

9) Дар КМҶ ҶТ, Қонун Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи фаъолияти оперативӣ - ҷустуҷӯӣ", Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи милитсия" бояд мафҳуми "дастгир кардани воқеӣ" шарҳ ва маънидоди саҳеҳ карда шуда, ба асосҳои ҳуқуқии дастгир кардан, тартиби интиқоли дастгиршуда ба мақомоти таҳқиқ, ба муфаттиш ва ё прокурор муқаррароти ҳатмӣ ва асоснок дохил карда шавад.

Расмиёти ҳуҷҷатҳо ва фаҳмонда додани ҳуқуқу уҳдадориҳо ба гумонбаршуда, маҳз аз лаҳзаи маҳдуд кардани озодии шахс аз

мустақилона амал кардан оғоз гашта, дастгир кардан ва озод кардани ӯ дар чунин ҳолат мутобиқи қарори дахлдор бояд нишон дода шавад. Дар ҳолати мазкур, протоколи дастгир кардан бевосита ҳангоми амалигардонии боздошт тартиб дода шавад, агар ин ҳолат имконнопазир бошад (бо сабаби офатҳои табиӣ, ходисаи дигари иҷтимоӣ) пас протоколи дастгир кардан баъди як соати ба мақомоти таҳқиқ интиқол дода шудани дастгиршуда, тартиб дода шавад.

10) Дар ҳолати муайян шудани кирдори барои ҷамъият хавфнок, шахс аз тарафи кормандони мақомоти ваколатдор то оғози парвандаи ҷиноятӣ дастгир карда шавад.

Ҳангоми муайян кардани алоқамандии дастгиршуда ба ҳодисаи содир кардани ҷиноят, бояд дар як вақт масъалаи оғоз кардани парвандаи ҷиноятӣ, ба таври расмӣ гумонбар эътироф кардани шахс дар содир кардани ҷиноят, ҳаллу фасл карда шавад.

Дар КМҶ ҶТ пешбинӣ бояд намуд, ки дастгир кардан чун чораи маҷбуркунии мурофиавӣ танҳо дар ҳолатҳои таъхирнопазир то оғози парвандаи ҷиноятӣ иҷозат дода шавад.

11) Муаллиф пешниҳод мекунад, ки мазмуни истилоҳи гумонбаршуда бояд унсурҳои таркибии зеринро дар бар гирифта бошад:

1.Ба вуҷуд омадани гумонбарӣ нисбати шахсе, ки кирдори ҷиноятӣ содир кардааст;

2. Муайян шудани асосҳои дастгир намудан, ки мутобики талаботи м. 92 КМҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон инъикос шудаанд;

3. Бо қарори мурофиавӣ гумонбаршуда эътироф кардани шахс, агар парвандаи ҷиноятӣ бинобар ошкор шудани ходисаи ҷиноят оғоз шуда бошад;

4.Мазмуни пурсиши гумонбаршуда бояд танхо баёни ҳолатҳои содиршавии ҷиноятро, ки шахси мазкур барои содир кардани он гумонбар дониста шудааст, дар бар гирад;

5. Ба итмом расидани гумонбарӣ бо айбдоршаванда эътироф шудани ӯ ва ё озодшавии ӯ аз гумонбарӣ дар шакли қарори махсус дар ин бобат ба роҳ монда шавад.

Танҳо баъди ба гумонбаршуда фаҳмонидани моҳияти боздошт, пурсиши ӯ, масъалаи нисбати ӯ татбиқ намудани чораҳои пешгирӣ, ки дар м. 101 КМҶ ҶТ нишон дода шудааст, бояд баррасӣ карда шавад.

Хулоса ва пешниҳодҳои алоҳидаи он, ки дар диссертатсия инъикоси худро ёфтаанд, метавонанд ба сифати тавсияҳои методӣ дар фаъолияти мақомоти тафтиши пешакӣ, ҳангоми кор карда баромадани маводҳои илмӣ-методӣ ва таълимӣ мавриди истифода қарор дода шаванд.

**Интишорот аз рӯи мавзуи диссертатсия.** Далелҳо, хулосаҳо, тавсияҳо ва пешниҳодҳои дар ин рисола овардашуда дар 10 мақолаи илмӣ, аз ҷумла 4 мақола дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расида иборат мебошад.

Мақолаҳои илмие, ки дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон чоп шудаанд:

1. Абдуллоева М.К., Раҳматулоев А.Э. Таҳлили назариявии қоидаҳои дастгир кардани шахс бо гумони содир кардани ҷиноят [Матн] /М.К.Абдуллоева// Маҷаллаи академии ҳуқуқ. Силсилаи илмҳои ҷомеашиносӣ. - 2021. - № 2 (38). - С. 155-159. ISSN 2305-0535;
2. Абдуллоева М.К. Процессуальное оформление задержания подозреваемого в совершении преступления [Текст] /М.К.Абдуллоева // Академический юридический журнал.- 2022.- № 1 (41). - С. 152-155. ISSN 2305-0535;
3. Абдуллоева М.К. Кафолатҳои конститутсионии ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои шахс ҳангоми дастгир кардан бо гумони содир намудани ҷиноят [Матн] /М.К.Абдуллоева // Осори академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон. - 2022.- № 1 (53). - С. 152-155. ISBN 978-99947-738-0-0, ISBN 2412-141X;
4. Абдуллоева М.К. Тартиби мурофиавии дастгир кардан бо гумони содир кардани ҷиноят [Матн] /М.К.Абдуллоева // Осори академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон (маҷаллаи илмӣ). -2022.- № 4 (56). - С.72-74. ISBN 978-99947-738-0-0, ISBN 2412-141X;

Мақолаҳои илмие, ки дар дигар нашрияҳои илмӣ чоп шудаанд:

5. Абдуллоева М.К. Масъалаҳои таъмини ҳимояи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд дар ҷараёни пешбурди парвандаҳои ҷиноятӣ [Матн] /М.К.Абдуллоева // Масъалаҳои татбиқи қонунгузорӣ дар замони муосир: назария ва амалия (маҷмуаи мақола ва маводҳои конференсияи илмию назариявии ҷумҳуриявӣ (28-уми ноябри 2013). – Хуҷанд. - С.74-78;
6. Абдуллоева М.К. Вопросы правового регулирования задержания по подозрению в совершении преступления [Текст] / М.К.Абдуллоева // Материалы международной научно-практической конференции, на тему «Актуальные проблемы юридической науки: вопросы теории и практики» (25 октября 2018 г.).- Казахстан. 2018 - С.184-186;
7. Абдуллоева М.К. Риояи ҳуқуқҳои гумонбаршуда ва масъалаҳои назариявии дастгир кардан [Матн] / М.К.Абдуллоева // I-умин конференсияи илмӣ - назариявии байналмилалии дар мавзӯи "Ҳуқуқи

инсон ва ҷаҳонишавӣ" Маводи конференсия бахшида ба 70- умин солгарди рӯзи қабули эъломияи умумии ҳуқуқи инсон (7- декабри 2018). – Душанбе. – С.6-8;

8. Абдуллоева М.К. Такмили қоидаҳои дастгиркунӣ тибқи қонунгузории мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] / М.К.Абдуллоева // Маводи конференсияи байналмилалии илмӣ- методӣ "Масоили мубрами илми ҳуқуқшиносии муосир ва роҳҳои ҳалли онҳо: назария ва амалия" (29-30 ноябри 2019). –Хуҷанд. – С.162-165;

9. Абдуллоева М.К. Ҳуқуқҳои иштирокчиёни мурофиа ҳангоми хотима ёфтани тафтиши пешакӣ [Матн] / М.К.Абдуллоева // Илм фурӯғи маърифат. Маҷмуи мақолаҳои ҳайати профессорону омӯзгорони факултети №4 Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон дар конфренсияи байнидонишгоҳи бахшида ба истиқболи ҷашни 30 – солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Хуҷанд, 2021- С. 36-42;

10. Абдуллоева М.К. Риояи ҳуқуқҳои гумонбаршуда ва масъалаҳои назариявии дастгир кардан [Матн] / М.К.Абдуллоева // 5-умин конференсияи илмӣ - назариявии байналмилалии "Ҳуқуқи инсон ва ҷаҳонишавӣ" Маводи конференсия бахшида ба рӯзи ҳуқуқи инсон (10 декабри 2022). –Душанбе. – С.13-18.

Ҳамин тавр,

**қарор карда шуд:**

1. Диссертатсияи Абдуллоева Мадина Камоловна дар мавзуи «Дастгир кардани шахс бо гумони содир намудани ҷиноят», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.09 - Ҳуқуқи мурофиаи ҷиноятӣ пешниҳод гардидааст, таҳқиқоти илмӣ-тахассусии самти ҳуқуқшиносӣ арзёбӣ мегардад. Диссертатсия ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нисбат ба чунин корҳо ҷавобгӯ мебошад.

2. Бо дарназардошти аҳамияти илмӣ ва назариявӣ, амалии мавзуи диссертатсияи пешниҳодшуда, тақризи роҳбари илмӣ, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор Искандаров З.Ҳ. муқарризони холис н.и.ҳ., дотсент Қурбонзода Б.Ш., н.и.ҳ., дотсент Қаҳоров Н.М., инчунин баромади иштирокдорони маҷлис диссертатсияи Абдуллоева Мадина Камоловна дар мавзуи «Дастгир кардани шахс бо гумони содир намудани ҷиноят» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.09 - Ҳуқуқи мурофиаи ҷиноятӣ ба Шӯрои диссертатсионии 6D.КОА- 019-и назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон барои ҳимоя пешниҳод карда шавад.

Хулоса дар маҷлиси муштараки кафедраҳои ҳуқуқи судӣ ва

назорати прокурорӣ, ҳуқуқи ҷиноятӣ, криминалистика ва пешгирии коррупсия, ҳуқуқи конститутсионӣ, ҳуқуқи соҳибкорӣ ва байналмилалии факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон қабул карда шуд. Дар маҷлис иштирок доштанд: 18 - нафар. Натиҷаи овоздиҳӣ «тарафдор» 18 - нафар, «зид» - нест, «бетараф» - нест, протоколи № 10 аз 5- уми майи соли 2023.

**Раиси ҷаласаи муштарак:**
н.и.ҳ., дотсент кафедраи ҳуқуқи судӣ
ва назорати прокурории ДДҲБСТ — Солиев И.М.

**Котиби ҷаласаи муштарак:**
н.и.ҳ., муаллими калон ҳуқуқи
ҷиноятӣ, криминалистика ва пешгирии
коррупсияи ДДҲБСТ — Қобилов Б.Қ.

**Муқарризи холис:**
н.и.ҳ., дотсент, ёрдамчии
прокурори Прокуратураи ш. Хуҷанд,
ҳуқуқшиносӣ дараҷаи дуюм — Қурбонзода Б.Ш.

**Муқарризи холис:**
н.и.ҳ.,, дотсенти
кафедраи ҳуқуқи судӣ ва назорати
прокурории ДДҲБСТ — Қаҳоров Н.М.

Имзоҳои н.и.ҳ., дотсент Солиев И.М., н.и.ҳ., дотсент Қаҳоров Н.М., н.и.ҳ., муаллими калон Қобилов Б.Қ.- ро тасдиқ мекунам:
Сардори Раёсати кадрҳо
ва корҳои махсуси ДДҲБСТ ______________________ Мирпочоев И.Ҳ.

Имзои н.и.ҳ., дотсент, ёрдамчии прокурори Прокуратураи ш. Хуҷанд, ҳуқуқшиносӣ дараҷаи дуюм, Қурбонзода Б.Ш.- ро тасдиқ мекунам:
Сардори шӯъбаи кадрҳо ва коргузории
Прокуратураи в.Суғд______________________________Почомулло М.